***УДК 9(С53) (2Т)***
***ББК 63.3 (5 тад)***
***Ю 91***

***З.Ш. ЮСУПОВА***

# ТАҶРИБАИ ТАЪРИХИИ СИЁСАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР САМТИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАВҚЕИ ЗАН ДАР ҶОМЕА

Дар шароити соҳибистиқлолии кишвар, рушди давлати ҳуқуқбунёду дунявӣ масъалаҳои мақому мавқеи занон мазмуни нав касб намуд. Дар ҷараёни ислоҳот, ташаккули сохтори нави ҷомеа ва навгониҳои мафкуравӣ (идеологӣ) дар ҷамъият мақоми занон дар ҳаёти сиёсӣ хеле боло рафт. Бӯҳрони мафкуравии баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ба вуҷуд омада дар ҷомеа қувваҳоеро ба вуҷуд овард, ки онҳо падидаҳои номатлуби миллатгароӣ, фундаментализми исломӣ, экстремизми динӣ ва дигар равияҳои ифротгароиро тарғиб менамуданд. Ҳолати мазкур тақозо мекард, ки мақом ва аҳамияти омилҳои мафкуравӣ баланд бардошта шавад ва дар ин замина ба муайян намудани мавқеи занон дар ҳаёти сиёсӣ таваҷҷӯҳи аввалиндараҷа зоҳир карда шавад. Таҳлили ин масъала имрӯз хеле ба мавриц аст, зеро вазъияти иҷтимоиву сиёсии мамлакат муттаҳидшавии қувваҳои солими миллат, синфҳо, гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоии ҷомеаро тақозо мекунад. Таваҷҷӯҳ ба масъалаи баррасии сиёсати давлатии боло бардоштани мақоми занон дар ҷомеа аз он бармеояд, ки:

1. Тоҷикистон ба марҳалаи нави тараққиёт– марҳалаи демократикунонӣ, ташаккули муносибатҳои нави иҷтимоиву сиёсӣ бо давлатҳои соҳибихтиёр ва таҳаввулоти сифатан нави ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамиятии мамлакат ворид шуд. Ҳаллу фасли ин масъала танҳо дар натиҷаи фаъол гардидани омили инсонӣ, алалхусус болоравии мақоми занон дар ҷомеа амалӣ хоҳад гашт.

2. Тағйироти куллӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеа тағйирёбии мафкура, афкор ва шуури сиёсиро тақозо мекунад ва бидуни тағйири психология ва тафаккур мо наметавонем ба фаъолгардонии сиёсии занон ноил гардему ҷомеаи мутамаддини демократӣ барпо намоем.

Дар марҳалаи аввали соҳибихтиёрии кишварамон, ки мамлакат ҷанги бемаънии шаҳрвандӣ, бӯҳрони сиёсиву иқтисодиро аз сар мегузаронид, истифодабарии нерӯи иҷтимоиву сиёсии занон дар самти инкишофи демократия ва эҷоди ҷомеаи шаҳрвандӣ ғайриимкон буд. Баъди ба эътидол омадани вазъи сиёсиву иҷтимоии мамлакат таваҷҷӯҳ ба муайян намудани самтҳои сиёсати давлатӣ баҳри таъмини баробарҳуқуқии занону мардон, ҷалби васеи занон ба ҳаёти сиёсии кишвар, таъмини иштироки занон дар ҳамаи соҳаҳои фаъолият зиёд гашт. Таъмини иштироки занон дар корҳои ободонӣ, беҳбудӣ ва гулгулшукуфии Тоҷикистон самти афзалиятноки сиёсати давлат гардид.

Аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳимтарин созишномаҳои байналхалқии танзимкунандаи ҳуқуқҳои инсон, аз қабили

Эъломияи умумии ҳуқуки башар аз 10 декабри соли 1948, Аҳдномаи байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз 16 декабри соли 1966, Аҳдномаи байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз 16 декабри соли 1966, Созишнома дар бораи барҳам додани ҳамаи намуди поймолкунии ҳуқуқи занон аз 18 декабри соли 1979 шомил гардид.

Соли 2004-ум парламент Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» қабул намуд. Ҳамчунин, баҳри таъмини иштироки фаъолонаи занон дар ҳаёти сиёсии давлат Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Доир ба баланд бардоштани мақоми занон дар ҷамъият» аз 3 декабри соли 1999 ба тасвиб мерасад. Дар партави амалӣ намудани Фармони мазкур Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як силсила ҳуҷҷатҳои муҳим, аз қабили қарор «Дар бораи нақшаи миллии чорабиниҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба баланд бардоштани мавқеъ ва мақоми занон дар солҳои 1998-2005» аз 10 сентябри соли 1998, барномаи давлатии «Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқ ва имкониятҳои баробари занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2001-2010» аз 8 августи соли 2001, барномаи давлатии «Тарбия, интихоб ва ҷобаҷо намудани кадрҳои роҳбарии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016» аз 1 ноябри соли 2006, барномаи давлатии «Дар бораи дурнамои фаъолгардонии мақоми зан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 29 маи соли 2010 ва ғ. қабул менамояд. Барномаву қарорҳои қабулшуда баҳри баланд бардоштани мақоми занон, таъмини пурраи солимии зану кӯдак равона гаштанд ва дар роҳи сохтмони ҷомеаи демократӣ дар Тоҷикистон нақши муҳим бозиданд (1, с.90-91).

Бояд зикр намуд, ки дар даврони шӯравӣ ба мақоми занон дар ҳаёти ҷомеа аҳамияти муҳим дода мешуд. Муҳаққиқи барҷастаи муаммоҳои занон дар Тоҷикистони Шӯравӣ А.А. Набиева ба шумор рафта, маҳз ӯ ин масъаларо ба объекти мустақили омӯзиш табдил дод (2). Дар даврони шӯравӣ муҳаққиқон бештар ба масъалаҳои таҳаввулоти ҳаёти занон этибор медоданд. Муаммоҳои гендерӣ дар партави амалан чи гуна ҳаллу фасл гаштани «масъалаи занҳо» таҳқиқ мегардид. Чунончи, олимаҳои тоҷик М. Ғаффорова ва М.Оқилова бештар ба тағйироти мусбати ҳаёти занон эътибор доданд (3, с. 90-92).

Аз соли 1989 (марҳалаи ниҳоии сиёсати бозсозӣ) дар Тоҷикистон паст рафтани иштироки занон дар ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ мушоҳида гардид. Аз як ҷониб чунин ҳолат бар асари қатъ гаштани квота барои занон дар интихоботи Шӯрои Олии ҷумҳурӣ даъвати 12-ум ба амал омад, ки шумораи вакилон аз ҳисоби занон 3,9% кам гардид, яъне аз 230 вакили мардумӣ танҳо 9 нафарро занон ташкил доданд. Аз тарафи дигар, солҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон, ки бо ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) рост омад, ба фаъолияти занон таъсири манфӣ расонид. Чунончи, соли 1995 ҳиссаи занон дар парламенти мамлакат 2,8%-ро ташкил намуд, дар мақомоти маҳаллӣ бошад, 8,7% ро ташкил медод (4,с. 27). Дар мақомоти марказии идоракунӣ намояндагии занҳо дар байни роҳбарони аввал 3,3%, дар байни муовинон 5,0%, дар байни роҳбарони зерсохторҳо 19,4%-ро ташкил дод (5,с.62).

Ба ҷуз қабул гаштани ҳуҷҷатҳои муҳими давлатӣ оид ба баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, корҳои муҳим баҳри танзими фаъолияти занон ба сомон расонида шуданд. Дар ҳамаи сатҳҳои идоракунӣ ва мақомот сохторҳо оид ба ҳалли муаммоҳои оила, занон ва кӯдакон амал мекунанд. Дар назди Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ (палатаи поёнӣ) Кумита оид ба масъалаҳои иҷтимоии оила, ҳифзи саломатӣ ва экология ва Кумита оид ба қонунияти конститутсионӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, дар назди Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ (палатаи болоӣ) бошад, Кумита оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният созмон дода шудаанд. Соли 1991 дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумита оид ба корҳои занон ва оила таъсис дода мешавад, ки он сиёсати давлатиро дар самти ҳалли масъалаҳои занон, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои онҳо амалӣ менамояд.

Баробарҳуқуқии мардҳо ва занҳо дар моддаи 17 Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст ва дар Кодексҳои ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, гражданӣ, оилавӣ, Кодекси меҳнат, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи солимии репродуктивӣ ва ҳуқуқҳои репродуктивӣ» ва дигар қонунҳои миллӣ ва санадҳои ҳуқуқӣ ба танзим дароварда шудаанд.

Бо мақсади пешгирӣ намудани ҳамаи намуди зӯроварӣ ва хушунат нисбати занҳо Нақшаи миллии амалиёти беҳтар намудани вазъи занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст. Мутобиқи он баҳри баланд бардоштани мақом ва мавқеи занон ташкили марказҳои бӯҳронии расонидани ёрии рӯҳиву психологӣ ва дастгирии занони ба шаклҳои гуногуни зӯроварӣ дучоршуда, таъсиси системаи таҳсилоти ҳуқуқии занон оид ба муаммоҳои зӯроварӣ, гузоштани «телефонҳои боварӣ» баҳри пешгирии хушунат, гузаронидани тадқиқотҳои сотсиологӣ дар минтақаҳои мухталифи Тоҷикистон бо мақсади муайян намудани ҳаҷм ва сабабҳои муаммоҳои хушунат нисбати занҳо ба роҳ монда шуданд.

Дар назди Кумита оид ба корҳои занон ва оилаи назди Ҳукумати Тоҷикистон Маркази расонидани ёрии психологӣ ва ҳуқуқии «Дилсӯз», дар маркази вилоятҳои Суғд ва Хатлон «телефонҳои боварӣ» оид ба таври фаврӣ расонидани ёрии психологӣ ба занон дар ҳолатҳои бӯҳронӣ созмон дода шудаанд.

Тадбирҳои мазкур на танҳо аз ҷониби сохторҳои давлатӣ, балки аз ҷониби созмонҳои ғайридавлатӣ (НПО) амалӣ мегарданд. Фаъолияти сохторҳои ҳукуматӣ ва созмонҳои ғайридавлатӣ дар асоси Барномаи давлатии «Самтҳои асосии сиёсати давлатии таъмин намудани ҳуқуқ ва имкониятҳои баробари мардҳо ва занҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 391 аз 8 августи соли 2001 тасдиқ шудааст, ба танзим дароварда мешавад. Тибқи барнома дар ҷумҳурӣ Маркази таҳлилӣ оид ба ҷамъоварӣ ва омӯзиши маълумот доир ба зӯроварӣ нисбати занон, нуқтаҳои машваратҳои ройгони ҳуқуқӣ барои занон, семинарҳо ва вохӯриҳо бо аҳолӣ дар мавриди пешгирии зӯроварӣ ва хушунат нисбати занон, тренингҳои махсус бо кормандони ВКД оид ба ин масъала гузаронида шуданд, барномаҳои таълимӣ барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳайати кормандони тиб, рӯзноманигорон оиди пешгирии хушунат нисбати занон ва дигар чорабиниҳо гузаронида шуданд. Дар мақомоти судии ҷумҳурӣ дар давоми солҳои 1999-2003 93 парвандаи ҷиноии зӯроварии хонаводагӣ ва 73 парвандаи ҷиноии намудҳои

гуногуни зӯроварӣ нисбати занҳо баррасӣ гашта, мутаносибан нисбати 33 ва 64 парванда ҳукми суд бароварда шуд (6).

Дар асоси «Нақшаи миллии чорабиниҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба баланд бардоштани мавқеъ ва мақоми занон дар солҳои 1998-2005» аз 10 сентябри соли 1998 баҳри ташаккули захираҳои кадрҳо дар сохторҳои идоракунӣ дар асоси гендерӣ тадбирҳо андешида шуданд. Чунончи, соли 1999 Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи «Занҳои сарвар»-ро пешниҳод намуд. Дар доираи лоиҳа 70 нафар ҷавонзанон-мутахассисони вазоратҳо ва идораҳо курси 9-моҳаи сарвариро гузаштанд. Дар муддати 3 сол 17 нафари онҳо дар хизмати давлатӣ ба мақомҳои баланди сарварӣ баромаданд. Ин амал солҳои минбаъда низ ҷараён дошт ва занҳои ҳамаи ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба таҳсилу бозомӯзӣ фаро гирифта шуданд. Аз рӯи натиҷаи омӯзиш рӯйхати «Захираи кадрҳо аз ҳисоби занон» тартиб дода шуд (7, с. 19).

Дар роҳи таъмини иштироки васеи занҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва идоракунии давлат, баланд бардоштани мақоми иҷтимоии зан, таъмини сиҳатии генофонди миллӣ, фаъол гардонидани мақоми зан дар таҳкими асосҳои ахлоқии ҷомеа, таъмини сулҳу ваҳдат Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» аз 3 декабри соли 1999 нақши муҳим бозид. Иҷрои фармони мазкурро ба назорат гирифта, Ҳукумат занҳои соҳибтаҷриба ва босалоҳиятро ба вазифаҳои баланди роҳбарӣ таъин намуд. Дар натиҷа намояндагии занон дар ҳайати роҳбарии идоракунии давлатӣ ба маротиб афзуд. Қариб, дар ҳамаи мақомоти маҳаллии ҳокимияти маҳаллӣ муовинон аз ҳисоби занон таъин шуданд. Дар 8 мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (аз 88 мақомот) занҳо вазифаи роҳбари аввалро ишғол намуданд. Ҳиссаи занон дар байни намояндагони халқи парлумони миллӣ агар соли 2001 ҳамагӣ 2,8%-ро ташкил диҳад, пас ин нишондод дар соли 2011 19,0 %-ро ташкил дод (8, с.17,93). Чи тавре, ки муовини раиси Маҷлиси намояндагон Н. Ғаффорова дар ҷаласаи чамъбастии клуби занони кордон дар шаҳри Душанбе (декабри соли 2012) қайд намуд, миқдори занони роҳбар дар сохторҳои давлатӣ то 5 ҳазор нафар расид.

Дар ҷадвали зайл тақсимоти кормандоне, ки дар мақомоти идораи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон машғули кор ҳастанд, аз рӯи ҷинс (аз рӯи маводи ҳисоботи солона, ба ҳисоби фоиз) нишон дода шудаанд.

| | 2008 | | 2011 | |
|---|---|---|---|---|
| | Мардҳо | Занҳо | мардҳо | Занҳо |
| Ҳамагӣ | 67,1 | 32,9 | 61,8 | 38,2 |
| Идораи давлатии характери умумӣ, аз он: | | | | |
| Фаъолияти қонунгузорӣ | 67,8 | 32,2 | 58,3 | 42,0 |
| Фаъолияти иҷроиявӣ, аз он ҷумла: | 64,8 | 35,2 | 68,6 | 31,4 |
| Фаъолияти мақомоти ҳокимият ва идораи ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, ноҳиявӣ (шаҳрӣ) ва деҳотӣ | 70,8 | 29,2 | 57,9 | 42,1 |
| Фаъолияте, ки ба ҳифзи бехатарии ҷамъиятӣ алоқаманд аст | 70,8 | 29,2 | 55,6 | 44,4 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Фаъолияти гумрукӣ<br>Идораи иҷтимоӣ-иқтисодӣ<br>Мақомоти адлия ва адолати судӣ<br>Суғуртаи иҷтимоӣ ва таъминот | 61,2<br>80,2<br>66,9<br>56,6<br>44,6 | 38,8<br>19,8<br>33,1<br>43,4<br>55,4 | 59,6<br>73,1<br>78,9<br>82,6<br>71,9 | 40,4<br>26,9<br>21,1<br>17,4<br>28,1 |

Яке аз мақсадҳои Барномаи давлатии «Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқ ва имкониятҳои баробари занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2001-2010» аз 8 августи соли 2001 зиёд намудани теъдоди занони роҳбар дар мақомоти давлатӣ махсуб меёфт. Натиҷаи умумии расидан ба ҳадафи мазкур таъмини намояндагии на кам аз 30% занон дар мақомоти қонунбарор, иҷроия ва судии ҳокимият мебошад. Дар натиҷаи интихоботи охирин ба парлумон, ки моҳи феврали соли 2010 баргузор гашт, 5 нафар занон узви Маҷлиси миллӣ ва 12 нафар вакили Маҷлиси намояндагон гаштанд. Ба мақомоти намояндагони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо (Маҷлисҳои вакилони мардумӣ) 459 нафар занон интихоб гаштанд (дар интихоботи соли 2005 теъдоди занон 404 нафар буд).

Сарвари давлатамон қайд намудаанд: Беҳуда нест, ки сатҳи маърифати ҷомеа ва нуфузу эътибори он аз рӯйи муносибат ба зан, ба модар муайян карда мешавад, аз рӯйи он арзёбӣ мегардад, ки занон то чӣ андоза соҳибмаърифату соҳибкасбанд ва то чӣ андоза дар ҳаёти ҷомеа фаъол мебошанд (9).

Ин нишондиҳандаҳо гувоҳи онанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сол аз сол сафи занони фаъолу соҳибтаҷриба зиёд гардида, борои пешбурди илму техника саҳми сазоворе гузошта истодаанд. Ҳамаи ин пешравиҳо бо шарофати қабули якчанд санадҳо ва фармонҳое ба даст омадаанд, ки аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои баланд бардоштани мавқеи зан ба тасвиб расидааст. Дастгирии ҳамаҷонибаи раиси ҷумҳур буд, ки занҳо дар баробари мардҳо худро ҳамчун шахси комилҳуқуқ ҳисобида, дар мақомоти давлатӣ ба вазифаҳои гуногуни роҳбарикунанда пешбарӣ гаштанд ва дар ин самт ба муваффақиятҳо ноил гардиданд.

***Калидвожаҳо***: *Сиёсати давлатӣ, мавқеи зан дар ҷомеа, барномаи давлатӣ, Маҷлиси Олӣ, Маҷлиси Миллӣ, Маҷлиси Намояндагон, баланд бардоштани мавқеъ ва мақоми зан дар ҷомеа*

***Пайнавишт:***

1. *Ализода, Б.П., Абдухолиқов, А.М., Искандаров, А.С. Муколамаи давлат ва дин дар Тоҷикистон: монография /Б.П. Ализода, А.М. Абдухолиқов, А.С. Искандаров. –Душанбе: Ҷамоатчиён, 2010.*
2. *Набиева, Р.А. Роль женщин в обществе: монография / Р.А. Набиева. - Душанбе: ТГНУ,1999 -С. 120*
3. *Акилова, М. Некоторые особенности формирования и развития женской интеллигенции Таджикистана // Актуальные проблемы марксистско-ленинской философии: Материалы конференций, посвященных 60-летию образования СССР и XXVI съезду КПСС / М. Акилова. - Душанбе: Дониш, 1983. —С. 90-92.*

4. *Гафарова, М. Женщины горной республики: / М. Гафарова. - Душанбе: Дониш, 1986.-С119*
5. *Таджикистан на пути к гендерному равенству. – Душанбе: 2004- С. 27.*
6. *Мамадазимов, А., Куватова, А. Регулирование деятельности политических партий и участие женщин в политической жизни в Таджикистане: монография /А. Мамадазимов, А. Куватова. – Душанбе: ООО «Мир полиграфии», 2011.-С 62.*
7. *Национальный доклад о реализации в Республике Таджикистан международного пакта о гражданских и политических правах //-CCPR/C/TJK/2004/1.- 11 April - 2005.*
8. *CEDAW/C/TJK/1-3. Конвенция о ликвидации всех форм дискриминации в отношении женщин -Distr.: General.-7 June 2005.- Original: Russian.-С.19.*
9. *Занҳо ва мардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон / Зери назари Муҳаммадиева Б.З. - Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2012.-С.17*
10. *Бонувони Тоҷикистон: маҷаллаи давлатии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ- Душанбе: Орбита , январи 2013 -№335.*


***Reference Literature***


1. *Alizoda B.P., Abdukholikov A.M., Iskandarov A.S. Dialogue between State and Religion in Tajikistan: monograph / -Dushanbe, 2010.*
2. *Nabiyeva R.A. The Role of Women in Society: monograph / Dushanbe: TNSU, 1999 (Tajik National State University)*
3. *Akilova M. Some Peculiarities of Female Intellectuals Formation and Development in Tajikistan // Actual Problems of Marxist-Leninist Philosophy: Materials of the conference dedicated to the 60-th anniversary of the USSR Rise and the 26-th Congress of the CPSUI – Dushanbe: Donish (knowledge), 1983. –pp.90-92.*
4. *Gafarova M. Women of the Mountainous Republic. –Dushanbe: Donish (knowledje), 1986. –p.119.*
5. *Tajikistan on the Way to Gender Equality. – Dushanbe -2004. – p. 27.*
6. *Mamadazimov A., Kuvatova A. Regulation of the Activities of Political Parties and Participation of Women in the Political Life of Tajikistan: monograph/ -Dushanbe: Printing World Assoc. Ltd. 2011. –p. 62.*
7. *National Report on Realization of International Pact on Civil and Political Rights in Tajikistan Republic / CCPR/C/TJK/2004/1.- 11 April -2005.*
8. *CEDAW/C/TJK/1-3. Convention on Liquidation of all Forms of Discrimination in Reference to Women -Distr.: General.-7 June 2005.- Original: Russian.-C.19.*
9. *Men and Women of Tajikistan Republic// under the editorship of Mukhammadeyev B.Z. – Dushanbe: Statistical Agency under the President of Tajikistan Republic, 2012. – p. 17.*
10. *Ladies of Tajikistan: social, political and cultural magazine of Tajikistan. –Dushanbe: Orbit, January 2013. -№335. Isfara Nokhiya (small administrative-territorial unit of Tajikistan) // - Dushanbe, 1965.*


## ***Исторический опыт политики Республики Таджикистан в повышении провового статуса женщины в обществе***

***Ключевые слова:*** *Государственная политика, статус женщины в обществе, государственная программа, повышение статуса, правовое положение женщины в обществе*

**Юсупова З.Ш.** *Таҷрибаи таърихии сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти баланд бардоштани мавқеи зан дар ҷомеа*

---

*Целью настоящей статьи является отражение государственной политики Республики Таджикистан по повышению статуса женщин в годы независимости. В статье отражаются экономические, социальные и политические достижения по вопросу правового статуса женщин в Республике Таджикистан, а также реализация и эффект государственных программ в этом направлении. Автором обьёмно раскрыты проблемы равенства мужчин и женщин и расширение прав и возможностей женщин в современном Таджикистане, где актуальным вопросом является наличие числа руководителей и специалистов из числа женщин, которые участвуют в разработке и принятии управленческих решений. Даётся пояснение направлениям государственной политики по обеспечению равных прав и возможностей мужчин и женщин в РТ.*

### *The Historic Experience of Tajikistan Republic Policy in Elevation of Woman`s Legal Status in Society*

***Key words:*** *state policy, woman`s status in society, State Programme, elevation of woman`s legal status in society*

*The objective of the article is to show how the state policy of Tajikistan Republic reflects an elevation of women`s status carried out throughout the years of independence. Economic, social and political achievements related to the woman`s legal status in Tajikistan Pepublic are presented in the article; realization of state programmes and their effect pursued in this streamline being touched upon as well. The author discloses the problems of equality between men and women and extension of rights and availabilities of the fair sex; the actual issue being the number of experts and leaders among women who take part in elaboration of managerial solutions with ther subsequent adoption. The directions of state policy aimed at insurance of equal gender rights are treated intently by the author of the article.*

***Роҷеъ ба муаллиф:***

***Юсупова Зарина Шарофитдиновна,*** *унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд),* ***e-mail***: zysh1981@mail.ru

***Сведения об авторе:***

***Юсупова Зарина Шарофитдиновна,*** *соискатель кафедры истории таджикского народа Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики (Республика Таджикистан, г. Худжанд),* ***e-mail:*** zysh1981@mail.ru

***Information about author:***

***Yusupova Zarina Sharofitdinovna,*** *Aspiring Degree Candidate of the department of the history of the Tajik nation under the Tajik State University of Law, Business and Politics (Tajikistan Republic, Khudjand),* ***e-mail:*** zysh1981@mail.ru